ПРОТОКОЛИ № 10.
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-092

аз 03 июли соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардида 14 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон доктрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 - Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ)

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Муминов А.И ва аъзои комиссия Нурулҳақ Қ, Аҳмадов И,оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимояи такрорӣ қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 -Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа дар мавзуи «Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020600 -Диншиносӣ (6D020601 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил- доктори илмҳои фалсафа, муовини директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Арбобзода Баҳодур – номзади илмҳои фалсафа, и.в. мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 25 сентябри 2025, соати $13^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Якдилона қабул карда шуд..**

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** Ниёзӣ Ё.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.